Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Саидзода Қурбоналӣ Саид дар мавзуи «Такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли бахши аграрии иқтисодиёт)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D052000 Бизнес-маъмуриятчигӣ (6D052002 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ).**

Дар таъмини амнияти озуқаворechnically кишвар ва кам кардани вобастагии бозори истеъмолӣ аз маҳсулоти воридотӣ соҳибкорон, хусусан соҳибкорони хурде, ки ба фаъолияти истеҳсолӣ машғуланд саҳми назаррас доранд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ ислоҳоти саривақтӣ дар бахши аграрии кишвар анҷом дода шуданд, ки ба таъмини устувории рушди соҳа замина гузоштанд. Бахусус ҷиҳати ба роҳ мондани фаъолияти самаранок дар соҳаи кишоварзӣ як қатор ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ қабул гардида, мавриди амал қарор доранд.

Муаллиф таъкид мекунад, ки дар бисёр соҳаҳои иқтисоди миллӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои кишоварзӣ рушди фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун омили асосию муҳимми баландбардории сатҳи самараноки иқтисоди кишвар, ба таҳкими рақобатпазирӣ дар фазои комилан нави иқтисодӣ, метавонад мусоидат намояд. Бинобар ин, барои таъмин намудани сатҳи самаранокӣ ва баланд бардоштани рақобаттавонии иқтисодиёт бояд ҳадафҳои асосии соҳибкорӣ, алалхусус соҳибкории истеҳсолӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт омӯхта шавад. Қисмати асосии назариявии таҳқиқот маҳз ба таҳқиқи ҳамин масъалаҳо бахшида шудааст (саҳ. 10).

Яке аз омилҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ ин фаъолияти самаранокии соҳаҳои КАС маҳсуб меёбад. Манфиатҳои фаъолияти самараноки КАС муносибати маҷмуиро ба рушди соҳибкории кишоварзӣ ва ғайрикишоварзӣ дар деҳот, ҳамкорӣ ва ҳамгироии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-ро на танҳо дар байни ҳамдигар, балки бо дигар корхонаҳои кишоварзӣ, захиракунанда, азнавкоркардкунанда ва дигар корхонаю ташкилотҳо, рушди соҳаи иҷтимоии деҳот ва васеъ намудани бозори меҳнатро аз ҳисоби намудҳои ғайрикишоварзии фаъолият пешбинӣ менамоянд.

Муаллиф дар автореферат бо истифода аз далелҳои илмӣ ва дастрас намудани маълумоти оморӣ ҷиҳати таҳия намудани ҷадвалҳо ва диаграммаҳо таҳлилҳои дақиқ гузаронидааст.

Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро ба таври пурра инъикос менамояд. Таълифоти муаллиф аз сатҳи баланди муаррифии натиҷаҳои

тадқиқ шаҳодат медиҳад, ки дар асоси талаботҳои «Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 июни соли 2023, №295) таҳия гардидаанд.

Дар қисмати хулоса ва тавсияҳо натиҷаҳои асоси кори илмӣ, пешниҳодҳои мушаххас оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо муайян ва асоснок гардидаанд.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар автореферат баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасонанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқи оянда муаллиф самаранок арзёбӣ мегарданд:

1. Дар қисмати назариявии автореферат таърифи муаллифӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда кам дида мешавад, сифати кор баланд мегардид агар муаллиф нуқтаи назари худро муфассал пешниҳод менамуд.

2. Сифати илмии кор боз ҳам баланд мешуд, агар муаллиф дар боби дуюми кори таҳқиқотӣ оид ба қарзҳои имтиёзноки аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба соҳибкорони истеҳсолӣ пешниҳодшударо мавриди таҳлил қарор медод.

Камбудиҳои пешниҳодшуда характери тавсиявӣ дошта, арзиши имлии кори мазкурро паст намекунанд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, ба хулосае омадан мумкин аст, ки рисолаи илмии Саидзода Қурбоналӣ Саид, дар мавзуи «Такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли бахши аграрии иқтисодиёт)» ба талаботи амалкунандаи Комиссияи олии аттестатсионӣ барои рисолаҳои илмии дараҷаи доктори фалсафа (PhD) мувофиқат намуда, муаллифи он созовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D052000 – Бизнес-маъмуриятчигӣ (6D052002 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) дониста мешавад.

**Тақриздиҳанда:**
**Муовини Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ** **Восидиён Ф.С.**

*Имзои Ф.С. Восидиёнро тасдиқ мекунам:*

**Сардори Раёсати кадрҳо ва бахши махсуси Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон** 17.11.25 **Нуралиев Р.М.**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
хиёбони Рудакӣ 78: Тел: (992 37) 227-34-34
Факс: (992 37) 227-85-97 (992 37) 221-94-63
E-mail: info@medt.tj